«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Сардори Академияи ВКД
Ҷумҳурии Тоҷикистон,
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ,
генерал-майори милитсия
_____________ Насуриён П.А.

«_09_» ____12.____ 2025

ПРОТОКОЛИ № 12

ҷаласаи кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи
факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз «09» декабри соли 2025 ш. Душанбе

Раис: н.и.ҳ., подполковники милитсия Рустамзода А.Қ.

Котиб: полковники милитсия Шарифзода В.

Иштирок карданд: сардори кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., подполковники милитсия Рустамзода А.Қ., муовини сардори Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, д.и.ҳ., дотсент, полковники милитсия Раҳмадҷонзода Р.Р., профессори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, д.и.ҳ., полковники милитсия Назарзода Н.Ҷ., иҷрокунандаи вазифаи дотсенти кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., Аминзода Б., сардори факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., подполковники милитсия Амрудинзода М.А., муовини сардори факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., полковники милитсия Шарифзода С.Ш., сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., полковники милитсия Каримзода У.К., сардори кафедраи ҳуқуқи

маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., подполковники милитсия Вализода Н.Д., сардори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., полковники милитсия Қосимов Ф.М., дотсенти кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия Шарифзода В., дотсенти кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия Рустамзода З.Р., муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия Ғафурзода Д.А., муаллими калони кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва фаъолияти маъмурии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия Урфонзода Д.С.

РУЗНОМАИ ҶАЛАСА:

**1. Муҳокимаи диссертатсияи унвонҷӯи кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники милитсия Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ.**

**Роҳбари илмӣ: доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент, Ҳуқуқшиноси шоистаи Тоҷикистон, Вазири корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-полковники милитсия Раҳимзода Рамазон Ҳамро.**

**Шунида шуд:** Оид ба масъалаи мазкур унвонҷӯ Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин баромад намуда, дар бораи сохтор, муҳиммият ва мубрамият, вазифа, мақсад ва навгониҳои илмии таҳқиқи диссертатсионии худ маълумот дода, иброз намуд, ки дар замони вусъатёбии равандҳои ҷаҳонишавӣ, бархурди манфиатҳои миллию байналмилалӣ, задухурди мусаллаҳонаи байни қавму мазҳабҳои гуногун, тарғиби ақидаҳои

экстремистӣ ва хусусияти ҷаҳонӣ касб намудани нақшаҳои тарҳрезишудаи гурӯҳҳои террористӣ, аҳаммияти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар дохили давлат бараъло меафзояд. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз таҳдиди хатарҳои болозикр истисно нест. Аз ин лиҳоз, бо дарназардошти истифода аз тамоми имкониятҳои мавҷуда, тақвияти фаъолияти соҳавӣ ва ба роҳ мондани шаклу усулҳои нави корӣ бояд, ки тартиботи ҷамъиятӣ дар давлат баҳри кафолати ҳаёти осоиштаи шаҳрвандон, рушди иқтисоди миллӣ ва афзудани эътибори давлат дар арсаи ҷаҳонӣ таъмин карда шавад.

Яке аз роҳҳои муҳим ва муваффақиятноки таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ин ҷалби шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахусус иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар шароитҳои муқаррарӣ ва ҳангоми баргузории чорабиниҳои оммавӣ ба ҳисоб меравад. Амалияи таърихии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ ва фаъолияти мазкур дар замони муосир шаҳодатгари он мебошад, ки дар байни мақомоти ҳифзи ҳуқуқ маҳз мақомоти корҳои дохилӣ дар самти ҷалби шаҳрвандон ба ҳамкорӣ оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва муқовимат ба ҷинояткорӣ саҳми назаррас дорад.

Ташкили ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ метавонад, ки тартиботи ҷамъиятиро дар сатҳи интизориҳои аҳолӣ ва воқеан амалигардии ҳуқуқу манфиатҳои инсон ва шаҳрвандон таъмин намояд. Ҳамчунин, дар раванди ҳамкории мақомоти корҳои дохилӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ маҳз намояндагони ҷомеа аз фаъолияти амалии мақомоти корҳои дохилӣ ба таври ошкоро маълумот пайдо намуда, дар як вақт моҳияти принсипи ошкорбаёнӣ ва демократизми фаъолияти милитсия тарғиб мегардад, самтҳои фаъолияти ҳамкорӣ дар якҷоягӣ ба нақша гирифта мешаванд, мушкилотҳои асосии ҳалталаб муайян гардида, барои ҳалли онҳо чораандешӣ мешавад, намояндагони фаъоли ҷомеа ҳамчун субъектони иловагӣ ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ҷалб гардида, фаъолияти онҳо такмил дода мешавад, ҳавасмандии аҳолӣ оид ба таъмини тартибот дар нуқтаҳои аҳолинишин зиёд гардонида шуда, боварии шаҳрвандон ба фаъолияти мақомоти корҳои дохилӣ меафзояд, сатҳи шуур ва донишҳои

ҳуқуқии шаҳрвандон боло рафта, дар умум ҷомеае, ки аз таҳдидҳои ҷиноятӣ ва дигар кирдорҳои зиддиҳуқуқӣ бехатар аст, эҳё карда мешавад.

Бо мақсади дар воқеъ ҷорӣ намудани ташкили ҳамкории босамар ва пешрафтаи байни мақомоти корҳои дохилӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мавқеи муҳимми таҳқиқотӣ ва пешниҳоди асосноки илмиро вусъат бахшидан ба шакл ва усулҳои ҳамкории ин ду ниҳод ташкил менамояд. Яъне, шаклҳои ҳамкории милитсия бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бояд таснифотро вобаста ба хислати ошкорогӣ ва махфигӣ, барасмиятдарории шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ, самти фаъолият, ҳайат (аъзогӣ), таъиноти функсионалӣ, мазмуни вазифаҳо ва тартиби иҷрои онҳо ва ҷузъиёти ҳифзиҳуқуқии иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар бар гирад. Ҳамчунин, муайян намудани низоми субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, механизми ҳамоҳангсозии фаъолияти байни онҳо ва субъекти ҳамоҳангсозандаи фаъолияти мазкур муҳим арзёбӣ гардида, масъулияти субъектони мазкурро баланд ва дар умум баҳри таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар дохили давлат мусоидат менамояд.

Дар мавриди таҳлили мафҳуму моҳият, асосҳои ҳуқуқии батанзимдарорӣ, механизм, шакл ва усулҳои ҳамкории мутақобилаи байни милитсия бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар самти таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ба инобат гирифтани таҷрибаи ҷаҳонӣ ва ҷустуҷӯи намунаҳои умумии ҳамкорӣ дар он аҳаммият дорад, ки дар асоси он бояд тадбирҳо оид ба беҳтар намудани ҳамкориҳо байни милитсия ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар доираиислоҳоти милитсия инкишоф дода шавад.

Омӯзиши таҷрибаи давлатҳои гуногун оид ба ҳавасмандии онҳо ҷиҳати ҷалби ҷомеа дар ҳалли вазифаҳои давлатӣ, бахусус, иҷрои вазифаҳои мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар самти муқовимат бо ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ хусусиятҳои тавсифкунандаи зеринро соҳиб мебошад: ҷомеа ҳамчун сарчашмаи асосии маълумот оид ба иттилоот дар бораи ҷиноят, ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ ва вайронкуниҳои тартиботи ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад; эҳёи ҷомеаи бехатар яке аз

унсурҳои асосии таъмини шароити арзанда ва осоиштаи ҳаёти шаҳрвандон буда, барои аҳолии воҳидҳои марзию маъмурии дахлдор аҳаммияти бештар дорад; ҳамкорӣ дар асоси шарикии иҷтимоӣ иқтидори шаҳрвандонро аз лиҳози шумора нисбат ба кормандони МКД чандҳо маротиба зиёд мегардонад, ки ба самаранокии таъмини тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат менамояд; қисме аз сарбории кормандони мақомот аз ҳисоби қувва ва воситаҳои ҷомеа иҷро карда мешавад; иштироки шаҳрвандон дар ҳалли вазифаҳои мақомоти корҳои дохилӣ (татбиқи сиёсати давлат оид ба муқовимат ба ҷинояткорӣ ва таъмини тартиботи ҷамъиятӣ) аслан ба буҷети давлат таъсир намерасонад, чунки онҳо барои чунин фаъолият маоши вазифавӣ намегиранд; иштироки шаҳрвандон дар ҳалли вазифаҳои ҳифзиҳуқуқии давлат ба талаботи консепсия ва стратегияҳои давлатӣ оид ба интихоби номзадҳои арзанда ба кор дар фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, устуворгардонии пояҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва эъмори давлати ҳуқуқбунёд мусоидат менамояд.

Тибқи талаботи Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 июни соли 2021, №211 тасдиқ гардидааст, яке аз ҳадаф ва вазифаҳои асосии ислоҳоти милитсияро рушди ҳамкории мутақобилаи милитсия бо ҷомеа ташкил менамояд. Ҳамчунин, дар Нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи ислоҳоти милитсия барои солҳои 2021-2025 як қатор чорабиниҳои аҳаммияти ташкилӣ ва ҳуқуқидошта маҳз ба масъалаи тақвияти ҳамкории байни мақомоти корҳои дохилӣ ва шаҳрвандон бахшида шудааст, ки барои дар амал воқеӣ гардонидани онҳо чораандешиҳои маҷмӯӣ роҳандозӣ карда мешавад.

Бинобар ба инобат гирифтани нуктаҳои зикршуда баррасии илмӣ-амалии мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии мазкур, ки ба таҳлили илмӣ-амалии асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ бахшида шудааст, мубрам, асоснок ва саривақтӣ мебошад.

Диссертатсия аз номгӯйи ихтисораҳо ва (ё) аломатҳои шартӣ, муқаддима, се боб, панҷ зербоб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот, рӯйхати адабиёт (маъхазҳо), феҳристи интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ ва замимаҳо (натиҷаи назарсанҷӣ, лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва зерқонунӣ, лоиҳаҳо оид ба такмили қонунгузорӣ) иборат буда, ҳаҷми умумии онро 271 саҳифа ташкил менамояд.

Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро омӯзиши ҳамаҷонибаи мафҳум, моҳият, шаклу усул ва вазъи имрӯзаи ҳамкории МКД ҶТ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ, таҳлили қонунгузории соҳавӣ, муқоисаи ташкили кор ва ба роҳ мондани ҳамкории ниҳодҳои зикршуда дар ҶТ дар муқоиса ба дигар давлатҳои хориҷӣ, дарёфти таҷрибаи пешқадам, инчунин, манзур намудани пешниҳод вобаста ба рушди қонунгузории ҶТ дар шароити ислоҳоти милитсия ва ташаккули давлати ҳуқуқбунёд ташкил медиҳад.

Барои ноил гардидан ба ҳадафҳои гузошташуда оид ба таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳалли вазифаҳои зерин саривақтӣ ва зарур мебошанд:

- омӯзиши мафҳум ва моҳияти ҳамкорӣ, ҳамкории МКД бо шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва таҳлили илмии ақидаҳои назариявии олимону мутахассисони соҳавӣ;

- омӯзиш, таҳлил ва баррасии асосҳои ҳуқуқии ташкили ҳамкории МКД ҶТ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;

- муайян намудани нақши МКД дар самти ташкили ҳамкорӣ бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;

- пешниҳоди илмӣ ва асоснокӣ оид ба муайян намудани мавқеи МКД ҳамчун мақомоти ҳамоҳангсози фаъолияти субъектони таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;

- таҳлили таҳқиқоти илмӣ ва муқаррароти қонунгузорӣ оид ба шакл ва усулҳои ташкили ҳамкории МКД бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ ва дар ин замина, пешниҳоди асоснок оид

ба такмили шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;

- бо дарназардошти омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи пешқадами давлатҳои хориҷӣ пешниҳод намудани шаклу усул ва механизми самараноки ҳамкории милитсия бо ҷомеа дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ;

- таълифи пешниҳодҳо ҷиҳати такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти мукаммалзозии ташкили ҳамкории **МКД ҶТ** бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ.

Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур аз нуқтаи назари масъалагузорӣ, равиши таҳқиқот, усули баррасӣ ва роҳҳои илмии ҳалли масоили мавҷудаи асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ навгонии ҷиддӣ дар фазои илми ҳуқуқшиносӣ, бахусус дар соҳаи фаъолияти ҳифзиҳуқуқии кишвар ба ҳисоб рафта, баҳри устуворгардонии пояҳои бунёдии ҷомеаи демократӣ ва ҳуқуқбунёд мусоидат менамояд.

Навгонии диссертатсияи мазкур дар хулоса, пешниҳод ва замимаҳои манзурнамудаи муаллиф инъикос ёфтаанд, ки аз таҳқиқи мавзуъ бо дарназардошти истифода аз усулҳои умумиилмӣ ва усулҳои махсуси ҳуқуқӣ коркард шуда, натиҷаҳои ҳалли вазифаҳои гузошташударо муайян менамоянд ва метавонанд, ки дар таҳқиқотҳои илмӣ, фаъолияти амалии соҳавӣ, такмили меъёрҳои амалкунандаи қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи милитсия», «Дар бораи иштироки шаҳрвандон дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти қонунгузори ҷумҳурӣ мавриди истифода қарор гиранд.

Ҳамзамон, хулосаҳои дар сатҳи диссертатсия пешбинишуда метавонанд ҳангоми таълими фанҳои таълимии «Ҳамкории милитсия бо ҷомеа», «Ҳуқуқи конститутсионӣ», «Фаъолияти маъмурии мақомоти корҳои дохилӣ», «Низоми мақомоти ҳифзи ҳуқуқ», таълифи маводи

таълимӣ ва таҳқиқоти диссертатсионӣ васеъ истифода гардида, ҳамчун воситаи баланд бардоштани сатҳи донишҳои назариявӣ ва амалии кормандони мақомоти корҳои дохилӣ дар раванди таҷрибаомӯзӣ ва такмили ихтисоси кормандони мақомоти корҳои дохилӣ истифода гарданд.

Дар ҷараёни ҷаласа баромадҳои муқарризони аз ҷониби кафедра таъйиншуда вобаста ба диссертатсияи унвонҷӯ Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин: сардори факултети № 6 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., подполковники милитсия Амрудинзода М.А., муовини сардори факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., полковники милитсия Шарифзода С.Ш., сардори кафедраи фанҳои давлатӣ-ҳуқуқии факултети № 2 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., полковники милитсия Каримзода У.К. шунида шуд. Сипас, унвонҷӯ Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин вобаста ба пешниҳодҳо ва эродҳои аз ҷониби муқарризон баёнгашта ҷавобҳои мушаххас дода, назари худро вобаста ба онҳо иброз дошт.

Баромадкунандагон дар рафти муҳокимаи диссертатсия муҳиммияти мавзуи таҳқиқро қайд карда, саҳми унвонҷӯро дар таҳқиқу баррасии масъалаҳои назариявӣ-методологӣ ва амалии мавзуи мазкур муҳим арзёбӣ намуданд.

Ҳамзамон, дар ҷараёни ҷаласа аз ҷониби иштирокчиён д.и.ҳ., дотсент, полковники милитсия Раҳмадҷонзода Р.Р., д.и.ҳ., полковники милитсия Назарзода Н.Ҷ., н.и.ҳ., полковники милитсия Қосимов Ф.М., н.и.ҳ., подполковники милитсия Вализода Н.Д., полковники милитсия Шарифзода В., подполковники милитсия Ғафурзода Д.А., подполковники милитсия Урфонзода Д.С. ба унвонҷӯ саволҳо дода шуд, ки ба онҳо Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин ҷавобҳои мукаммал дод.

Инчунин, баромадкунандагон эродҳо ва андешаҳоеро изҳор доштанд, ки ба мушаххас ва возеҳ баён намудани нуктаҳои алоҳидаи диссертатсия, нисбатан муфассал шарҳ додани ҷанбаҳое, ки дар амалӣ

намудани пешниҳодҳо ва тавсияҳои марбут ба таҳқиқи диссертатсионӣ мусоидат менамоянд.

Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин ба эродҳои баромадкунандагон ҷавобу шарҳҳои муфассалро пешниҳод намуд.

Диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ мутобиқат намуда, барои ҳимоя аз рӯйи ихтисоси мазкур тавсия дода мешавад.

Дар охири ҷаласа аз иштирокчиён хоҳиш карда шуд, ки довталабро дастгирӣ намоянд.

Раиси ҷаласа н.и.ҳ., подполковники милитсия Рустамзода А.Қ. баромад намуда, диссертатсияро ҳамчун кори анҷомёфта ҳисобида, онро барои ҳимоя тавсия намуд.

Қайд гардид, ки Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин муҳаққиқи пурмаҳсул ба шумор рафта, муаллифи 10 таълифоти илмӣ маҳз дар мавзуи таҳқиқоти диссертатсионии хеш мебошад, ки аз ҷумла 5-тои он ҳамчун мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд ва ҷузъиёти алоҳидаи масъалаи таҳқиқотии диссертатсияро фаро гирифтаанд.

Сипас, лоиҳаи хулосаи кафедра, ки дар асоси баромади муқарризон ва дигар баромадкунандагон омода карда шудааст, шунида шуд.

**Ҷаласа қарор кард:**

1. Диссертатсияи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ кори таҳқиқии анҷомёфта ҳисобида шавад.

2. Диссертатсияи Нуриддинзода Суфӣ Нуриддин дар мавзуи «Асосҳои назариявӣ, ҳуқуқӣ ва ташкилии ҳамкории мақомоти корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ дар таъмини тартиботи ҷамъиятӣ», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 5.5.11. Фаъолияти судӣ; фаъолияти прокурорӣ; фаъолияти ҳимояи ҳуқуқ ва фаъолияти ҳифзи ҳуқуқ бо дарназардошти ислоҳи эродҳои гирифташуда барои ҳимоя дар Шурои диссертатсионии 6D.КОА-043-и назди Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсия дода шавад.

Хулоса дар ҷаласаи кафедраи назарияи идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон санаи 9 декабри соли 2025 қабул гардидааст.

Иштирок доштанд: ҳамагӣ – 13 нафар. Натиҷаҳои овоздиҳӣ: «тарафдор» - 13 нафар, «зид» - нест, «бетараф» - нест.

Раиси ҷаласа: Рустамзода А.Қ.

Котиби ҷаласа: Шарифзода В.

Имзои "Рустамзода А.Қ. ва Шарифзода В."-ро тасдиқ мекунам:
Сардори ШК Академияи
ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон,
подполковники милитсия Саидзода А.Р.

«9» 12 соли 2025

Суроға: Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734012, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, куч. М. Мастонгулов, 3, тел: +(992 37) 226-60-42, факс: +(992 37) 226-60-43, Веб.сайт – www.avkd.tj, e-mail: academia.a@vkd.tj